Тақриз

ба фишурдаи рисолаи номзадии Суфиёи Ҷаннатмир дар мавзӯи «Таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик

Таҳқиқу баррасии адабиёти тоҷикии Афғонистон ва вежагиҳои ҳунариву мавзӯии суханварони он давоми солҳои охир яке аз тамоюлҳои адабиётшиносии тоҷикро ба вуҷуд овардааст. Хоса, таҳия ва нашри чанд маҷмӯи дастаҷамъии ашъори шоирони Афғонистон ва китоби шеъри шоирони ин кишвар ҳам барои ошноии ҷомеаи Тоҷикистон бо шеъри тоҷикии ин сарзамин ва ҳам густариши пажӯҳишоти ҷудогона заминаҳои муҳим фароҳам овард. Рисолаи номзадии Суфиёи Ҷаннатмир дар мавзӯи «Таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ» яке аз чунин таълифоти қобили таваҷҷуҳи илмист,ки ба таҳқиқу баррасии вежагиҳои муҳими ашъори яке аз чеҳраҳои намоёни адабиёти тоҷикии муосири Афғонистон бахшида шудааст. Мутолеаи фишурдаи рисола муаян месозад, ки муаллиф аз дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ ва пешинаи таҳқиқи ашъори шоир дар Тоҷикистон ва берун аз он,хоса Ватани ӯ Афғонистон иттилооти зарурӣ дорад ва дар ҷараёни пажӯҳиши меҳварҳои аслии рисолаи хеш аз диду назари онҳо истифода кардааст.

Унвонҷӯ нахуст ба баррасии рӯзгор ва тавсифи осори Халиллулоҳи Халилӣ пардохта, баъдан ба таҳқиқи сохтор ва вежагиҳои ҳунарии ашъори суханвар таваҷҷуҳи амиқ зоҳир намудааст. Бар асоси таҳлили қолабҳои шеърии таркиби мероси адабии шоир ва таҳқиқи масъалаҳои ҳунари шоирӣ, вежагиҳои сохторӣ, дарунмояи сурудаҳои суханварр муаллифи рисола ба хулосае расидааст, ки Халилуллоҳи Халилӣ оғозгари шеъри нимоӣ дар Афғонистон ба шумор меравад.

Дар идомаи мулоҳизаҳои илмии унвонҷӯ мабоҳиси марбут ба таҳқиқи ҷанбаҳои иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ ҷараён гирифтааст. Муаллиф ин самти таҳқиқоти хешро ба бахшҳои дақиқ ва мушаххасе чун ашъори ватандӯстона, мақоми зан ва модар, маориф ва

таълиму тарбия, даъват ба иттиҳод ва мубориза ба тафриқа, интиқод аз сиёсат, ситоиши муҷоҳидин ва размандагон, танқиди мухолифатҳои қавмӣ ва амсоли ин тасниф намуда, ҳар яке аз ин мавзуоти фарогири ҷанбаҳои иҷтимоии ашъори шоирро бо истинод ба ашъори ӯ шарҳу тафсир намудааст.

Рисола ба сабки таълифоти илмӣ ба қалам омада, дар ҷараёни нигориши он муаллиф ба маҷмӯи меъёрҳои рисолаҳои пажӯҳишӣ риоят намудааст.

Дар баробари чунин муваффақиятҳо аз рӯи фишурдаи рисолаи илмӣ маълум мешавад, ки дар он бархе камиву норасоиҳои низ ҷой доранд, ки такмил ва ислоҳи онҳо арзиши рисоларо бо ҳам боло хоҳанд бурд:

1) Дар боби аввали рисола муаллиф фаслеро ба тавсифи осори Халуллоҳи Халилӣ ихтисос дода, мақоми ӯро дар баробари шоирӣ, ҳамчун муаррих ва олими пухтакору сиёсатмадор низ муқаррар намудааст. Хуб мебуд, ки муаллиф дар ҳамин фасли рисола ба пажӯҳишоти адабиётшиносӣ ва корҳои матншиносии ӯ низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, хидматашро дар ин арса таъкид месохт, зеро чун рисола дар самти адабиётшиносӣ ба қалам омадааст, тафсири хадамоти Халилуллоҳ Халилӣ ҳамчун адабпажӯҳ ва ҷойгоҳи таълифоти вай дар ин арса аҳаммияти илмии рисоларо боз ҳам боло мебурд.
2) Маълум аст, ки ашъори иҷтимоии Халуллоҳи Халилӣ ба шеъри муосири тоҷик низ таъсире барҷаста гузоштааст, ки мавҷудияти истиқболияҳои шоирони имрӯзи мо аз шеър ва андешаҳои ин суханвар ин андешаро собит месозанд. Агар дар фасле ҷудогона мавзӯи таъсири шеъри Халилуллоҳи Халилӣ ба ашъори суханварони муосири тоҷик низ маврид таҳқиқ ва баррасӣ қарор мегирифт, арзиш илмии рисола боз ҳам меафзуд.

Албатта, ин қайду эрод ва пешниҳод танҳо ба хотири боз ҳам боло бурдани қимати илмии рисола манзур гардиданд ва ҳаргиз онҳо арзиши

ин таълифи унвонҷӯро поин нахоҳанд буд. Бар асоси мутолеаи фишурдаи рисола метавон бо итминон изҳор дошт, ки он кори анҷомёфта ва ҷавобгӯ ба талаботи рисолаҳои илмӣ ба шумор меравад, зеро фишурдаи рисола муҳтавои аслии онро ифода менамояд. Аз ин рӯ, чунин мешуморем, ки муаллифи рисола шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси **10.01.01-Адабиёти тоҷик мебошад.**


**Нуров Нуралӣ Норович,**
дотсенти кафедраи адабиёти классики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700, ш. Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1, бинои асосӣ,
+992 (3422) 6-52-73; http://www.hgu.tj


Имзои дотсент Нуров Нуралиро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳои ДДХ
ба номи академик Б.Ғ. Ғафуров Ашрапова З.